**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.**

Расул Ҳодизода яке аз он муҳаққиқоне мебошад, ки дар тули умри пурбаракати хеш ҳам ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми ҳаёти адабӣ даст зада, адабиётшиносиро рушд додааст ва ҳам ба кори нависандагӣ шуғл варзида, пешрафти насри муосири тоҷикро таъмин намуда, дар пешрафти ҳар ду соҳа саҳми назаррас гузоштааст. Рисолаи илмии Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» асосан, ба таҳқиқи монографии аҳволу осор ва фаъолияти илмию адабии муҳаққиқ ва нависанда Расул Ҳодизода ва ба ин васила ба муайян намудани накш ва ҷойгоҳи ӯ дар таърихи афкори илмӣ ва бадеии тоҷик бахшида шудааст.

Матни диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 184 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар қисмати муқаддимаи автореферати рисола диссертант қайд мекунад, ки Расул Ҳодизода фаъолияти эҷодию илмии худро ибтидо ҳамчун муҳаққиқи соҳаи адабиётшиносӣ оғоз намуда, пасон бо талошҳои пайгирона дар омӯзиши адабиёти маорифпарварӣ мактаби илмиро ба вуҷуд оварда, солҳои дароз на фақат ба он роҳбарӣ кард, балки ба нашри осори адабии ин давра ва таҳқиқи равишманди он роҳ кушод.

Боби якуми диссертатсия «Аҳвол ва осори Расул Ҳодизода» унвон дорад ва ду фаслро дар бар мегирад.

Нахустфасли он «Зиндагиномаи Расул Ҳодизода» номида шудааст ва он ҷараёни зиндагии олимро фаро гирифтааст. Дар ин фасл диссертант доир ба зиндагиномаи Расул Ҳодизода маълумоти кофиро пешниҳод менамояд.

Дар фасли дуюми ин боб «Осори илмӣ ва бадеӣ-таърихии Расул Ҳодизода» ба таҳқиқ гирифта шудааст. Фаъолияти эҷодии Расул Ҳодизода дар ин фасл дар се самт: адабиётшиносӣ, мунаққидӣ ва нависандагӣ аз тарафи диссертант бариштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ин ҷо таъкид мегардад, ки навиштани рисолаи дипломӣ ҳангоми таҳсил дар Тошканд барои устод Ҳодизода оғози роҳи эҷодӣ гардид. Дар фаъолияти ин давра ва марҳалаҳои минбаъда устод Айнӣ ҳамчун раҳнамои илмӣ ва маънавӣ барои ӯ буданд.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳқиқи мушкилоти таърихи адабиёт ва рӯзгору осори адибон» ном дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали боби мазкур «Назари муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик» муаллифи рисола аз забони Расул Ҳодизода қайд мекунад, ки муҳаққиқ «бо тарғиби устод С. Айнӣ дар аввали солҳои 50-ум ба тадқиқи илмии тазкираҳое, ки дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX таълиф шудаанд, инчунин ба таҳқиқи дигар маъхазҳои хаттии адабиёти ин давр ба ҷустуҷӯҳои илмӣ оғоз карда, дар ин замина таҳқиқоти аввалин ва пурарзишро оид ба соҳаи манбаъшиносӣ анҷом додааст.

Фасли дуюми ин боб «Таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии осори гузаштагон дар пажуҳишҳои муҳаққиқ» номгузорӣ гардида, дар он таъкид шудааст, ки Расул Ҳодизода ҳеҷ гоҳе нишондодҳои назарӣ ва амалии бунёдии эстетикиро дар бораи ягонагии мундариҷаю ғоя ва бадеиёти осори бадеӣ истисно накардааст, балки ин тарзи таҳқиқро ҳамчун усули таҳлилӣ дар шинохти ҷустуҷӯҳои ҳунарии адибони замонҳои гуногун ба кор гирифта, дар ин замина таълифоти қобили мулоҳиза ба вуҷуд овардааст.

Боби сеюми диссертатсия «Нақши Расул Ҳодизода дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ» ном дорад ва он аз ду фасл иборат мебошад. Фасли нахуст ба таҳқиқи «Тасвири образи шахсиятҳои таърихӣ дар ҳикоя, қисса ва романҳои нависанда» бахшида шудааст.

Муаллифи рисола дар фасли якуми боби сеюм қайд мекунад, ки яке аз вижагиҳои муҳимми насри тоҷикии солҳои шасту ҳафтод ва ҳаштоди садаи бист бо диди шахсиятҷӯӣ ва шахсиятпардозӣ нигаристан ба воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии таърихӣ мебошад, ки равишҳои тозаи ҳунариро дар наср ба вуҷуд овард.

Дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ, ки моҳият ва ҷанбаи хосси милливу ҳунарӣ ва бадеӣ дошт, саҳми Расул Ҳодизода калон аст. Дар ҳақиқат, равиши эҷодии Расул Ҳодизода дар эҷоди ин гуна осор аз баъзе ҷиҳатҳо ҷолиби диққат мебошад. Нахуст ин ки вай ба тасвири шахсиятҳои барҷастаи миллӣ ва фарҳангӣ ҷиддан ва ҳадафмандона гароиш дошт. Баъдан, нависанда аксаран аз тасвири воқеиятҳои тезутунд ва пурвусъат, ки дар осори бадеии таърихии тоҷикӣ шоеъ буд, парҳез кардааст.

Таҳқиқи «Хусусиятҳои сабки нигориши нависанда» фасли дуюми боби сеюмро ташкил додааст. Дар ин фасл диссертанд таъкид мекунад, ки беҳтарин сабк барои ироаи ҳар манзуре, аз назари донишмандони соҳа он аст, ки тақрибан, тадбиқи комиле миёни забон ва афкори ҳар кас ба вуҷуд

оварад. Дар ин росто, Расул Ҳодизода низ сабки хосси худро дорад, ки бо ранги забонии мунҳасир ба фард, нукоти дақиқу зариф, бо лаҳну оҳанг, ҳатто сифатҳо ва унвонҳояш, ҳамчун оинае аз даврони таърихӣ ва муосир, фардияти ҳунарии нависандаро шакл додааст.

Дар баробари ин комёбиҳо дар матни автореферати диссертант Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» баъзе камбудиҳои имлоиву техникӣ ба чашм хӯрданд, ки умедворем, аз тарафи муаллиф ислоҳи худро меёбанд.

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» бармеояд, ки муаллиф тавонистааст, паҳлуҳои ҳунарии муҳаққиқию нависандагии Расул Ҳодизодар дар доираи имконоти худ таҳлилу баррасӣ намояд. Аз ин рӯ, диссертант сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои ДТТ ба номи
академик М. С. Осимӣ Ҳикматов Ҷумъабой Ҳакимович

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Варзоб, ҷамоати Чорбоғ
Тел.: (+992) 935435329
E-mail: orifjon 2216@ mail. ru

Имзои Ҳикматов Ҷ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
сардори РК ва КМ ДТТ ба номи
аткадемик М.С. Осимӣ Қодирзода Неъматулло Ҳабиб

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабовҳо 10
Тел.: (+992-37) 221-35-11

07.08.2026